Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-002-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшииосӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ**

Диссертатсияи мазкур дар Тоҷикистон яке аз таҳқиқоти маҷмаавиест, ки ба омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи илмию амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур бо назардошти омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои нави ватаниву хориҷии илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба амал бароварда шудааст. Дар диссертатсия ба таҳлили мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусияти танзими ҳуқуқӣ, мавқеи ҳуқуқии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҷабҳаҳои таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкорон, татбиқи манфиатҳои миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ аҳамияти хоса дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия исбот намудааст, ки фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ин фаъолияти тиҷоратии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ буда, бо иштироки онҳо дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Дар қонунгузории ҷорӣ ишораҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, аммо бидуни фаъолияти соҳибкорӣ ин фаъолиятро тасаввур карда намешавад. Таҳлили меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бо пуррагӣ муқаррар нагардидааст.

Натиҷаи омӯзиш ва таҳлилҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷорӣ оид ба мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае овардааст, ки мафҳуми ягона бо ишораи «фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ» бояд мустаҳкам

гардида бошад. Муаллиф қайд менамояд, ки зарурияти ҷой дода шудани мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ ба миён омадааст ва он тақозои замон мебошад.

Рисолаи диссертатсионии Насрутдинзода Қ. Ш., ки ба таҳқиқи ҷабҳаҳои ҳуқуқӣ, илмӣ-назариявӣ, амалии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ бахшида шудааст, басо муаммовӣ ва муҳим мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аксарияти муаммоҳо ва мушкилоти мавҷуда дар соҳаи мазкур то имрӯз ҳаллу фасли худро наёфтаанд ва зарурияти таҳлили амиқтари онҳо ба миён омадааст. Бо шарофати чунин муносибат муаллиф кӯшиш кардааст, ки нуқсонҳои дар соҳаи таҳқиқоти мазкур ҷойдоштаро муайян намуда, ҷиҳати бартараф намудани онҳо андешаҳои пурраву ҳамаҷониба пешниҳод намояд.

Дар ҷараёни омӯзиши масъалаҳои таҳқиқотӣ, ҷамъоварии адабиёт, гузаронидани пажӯҳиши илмӣ, таҳлили натиҷаҳои ҳосилшуда, навиштани мақолаҳои илмӣ, иштирок ва бо маърӯзаҳо баромад намудан дар конференсияҳои илмӣ ва инчунин ҳангоми таҳияи диссертатсия Насрутдинзода Қ. Ш. худро ҳамчун донандаи ҷабҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ, шахси меҳнатдӯст ва пурмасъул муаррифӣ карда тавонист.

Муаллифи диссертатсия дар давраи унвонҷӯии худ тамоми вазифаҳои аз тарафи роҳбари илмӣ, кафедра, факултет ва раёсати илми донишгоҳ супоридашударо сари вақт ва бо сифати баланд иҷро намуда, аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти худ дорои сифатҳои мутахассиси ташаккулёфта ва соҳиби маърифату фарҳанги баланд намоиш додааст.

Насрутдинзода Қ. Ш. аз рӯи мавзӯи таҳқиқотиаш 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки 3-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотии ӯ аз ҷониби мутахассисони пешбари соҳа баҳои баланд гирифтааст. Интишороти илмии муаллиф бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҳисоб мекунам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои кофии касбӣ буда, метавонад аз рӯи соҳаи таҳқиқоти илмии худ мустақилона масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузаронад ва онҳоро ҳал намояд.

Дар маҷмӯъ Қ. Ш. Насрутдинзодаро метавон ҳамчун корманди илмӣ-омӯзгории ташаккулёфта ва ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сазоворбуда тавсиф кард.

Диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ буда, ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ омода гардидааст ва барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти ДДҲБСТ Самадов Б. О.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 2
+992 92 773 05 67

Имзои номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Самадов Б. О. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДҲБСТ Саидов П. А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН